روزنامه هفتگی ادبیات و صنعت شماره ۱۲ تاریخ ۱۹ مارس ۱۹۹۲
دوشنبه، تاجیکستان

(۴۱)



раҳнамои ӯ буд.

Фирдавсӣ дар подшоҳии Хушанг ёдовар мешавад, ки Хушанг чиҳил сол подшоҳӣ карду ба дониш оҳан аз санг ҷудо кард ва аз оҳан табару арраву теша сохт ва ба фарри каёнӣ ранҷро кӯтоҳ кард:

Чу ин карда шуд, чораи об сохт,
Зи дарё бароварду ҳомун навохт,
Ба ҷӯю ба рӯд обро роҳ кард,
Ба фарри Каён ранҷ кӯтоҳ кард.

Ва дар бунёд ниҳодани ҷашни Сада дар мавриди ҳамин подшоҳ изофа мекунад:

Бад-он эздӣ фарру ҷоҳи Каён
Зи нахҷири гӯру гавазни жаён
Ҷудо кард гову хару гӯсфанд,
Бурун оварид он чӣ буд судманд.

Дар подшоҳии Ҷамшед мегӯяд:

Ба фарри Каён нарм кард оҳано,
Чу хӯду зиреҳ карду чун ҷавшано.

Фаридун мегӯяд: Яздони пок аз Албурзкӯҳ маро барангехт, то ҷаҳон ба фарри ман ояд ва шуморо раҳой мумкин гардад:

Бидон, то ҷаҳон аз бади аждаҳо
Ба фарри ман ояд шуморо раҳо.

Манучеҳр дар номааш ба Фаридун мегӯяд: Фарри эздӣ доривy бандҳоро мекӯшой.

Кунун бар Фаридун аз ӯ офарин,
Хирадманду бедор шоҳи замин.
Кушояндаи бандҳои бадӣ,
Ҳамаш ройу ҳам фарраи эздӣ.

Касоне, ки дорандаи фарри каёнӣ ҳастанд, ба подшоҳӣ шоистаанд. Ҳамчунон ки Зол ба Рустам ва дигар ҷаҳондидагон мегӯяд: «Ҳоло ки Гаршосб дар гузашта аст, подшоҳе бояд баргузид ва ин Кайқубод аст, ки дар кӯҳи Албурз аст ва дорои фарру бур-



*Жола* БАДЕЪ

# МАН ОЗАРАХШИ ШАБОНАМ, К—АЗ АБРИ ТИРА ДАМИДАМ

Ман озарахши шабонам,
К-аз абри тира дамидам,
Чӣ ғам, ки шуд шаби абрӣ
Сари сиёҳу сафедам.

## Сари сиёҳу сафедам

Ба соярӯшани мӯям
Даруни оина гӯям:
Ба ҷуз ту кист, бидонад
Ки рӯзу шаб чи кашидам!

Талоши ман ҳама он буд
Дар ин саҳории сӯзон,
Ки ношукуфта нахушканд
Ғунчаҳои умедам.

Ҷаҳону мардуми ӯро
Басо, ки дидаам, аммо
Надида будам худро,
Кунун дар оина дидам.

Ки оташи дили абрам,
Ки сояи сари кӯҳам.
Чи саркаш аст, шигифто,
Сари сиёҳу сафедам!

## Умри ҷудой дароз нест

Эй ёри дури ман,
Наздиктар зи ҳар каси дигар,
Ҳар бор номаи ту занад бӯса бар лабам,
Аз як умеди сарзада саршор мешавам.
Бехобии шабона агар вораҳонадам,
Ҳар субҳ бо хаёли ту бедор мешавам.

Як рӯзи талх зинда намемондам, ар набуд
Бовар ба ин ки умри ҷудой дароз нест.

Мо борҳо ба бадроқаи хеш рафтаем,
Баргаштаему тозанафас пеш рафтаем.

Дидори мову соҳили дарёи интизор...

## Гузор аз рӯд

Гули сапеди саҳаргоҳи он савоҳили сабз,
Канори бистари ороми обҳои кабуд
Аз кӣ хоҳад буд!
Аз кӣ хоҳад буд!

## Бихон, мурғи ошиқ

Бихон, мурғи ошиқ,
Раҳо кун дар офоқ мавҷи садоро.
Бихон, то бихонанд мурғони ҷангал,
Бихон, то бирӯянд гулҳои саҳро,
Бихон, то бирақсанд амвоҷи дарё.

Бихон, мурғи ошиқ, навое, навиде,
Ки нерӯ диҳад ҷони муштоқи моро.

чи каёнӣ аст».

Фарри яздон мӯҷибу моии ис-тилоъот ва огоҳиҳову донишҳои инсонӣ аст, ҳамон чизе, ки ори-фи раббонӣ бо худ дорад ва Ҳо-физ мӯътақид аст, ки он дар ди-ли ӯст ва мегӯяд:

**Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз**
**мо мекард,**
**Он чӣ худ дошт, зи бегона**
**таманно мекард.**

Сиёвуш низ мегӯяд: Аз рози чарх огоҳ ҳастам ва огаҳӣ аз фар-ри яздон медиҳам.

**Ман огоҳӣ аз фарри яздон**
**диҳам,**
**Ҳам аз рози чархи баланд**
**огаҳам.**

Пирон ба Сиёвуш мегӯяд: Агар фарру бурзи каёнӣ роҳнамои ту набуд, ҷойгоҳе чун сиёвушгирдро наметавонистӣ бисозӣ.

Рустам ба анҷумани сарони лашкари Эрон пас аз вайрон кардани Тӯрон мегӯяд: «Ковус бе фарр аст ва раҳнамое надо-рад».

**Ки Ковус бе фарру бе парру**
**пой**
**Нишастаст бар тахт бе**
**раҳнамой.**

Фарр раҳнамои Кайхусрав аст ва ӯ розҳо мекушояд, аз рӯд ме-гузарад, ҷодуҳоро аз байн меба-рад ва қалъаи Аҳриманону девон-ро дарҳам мерезад. Чунончи дар бораи хароб шудани дин мегӯ-яд:

**Ҷаҳон шуд ба кирдори тобанда**
**моҳ**
**Ба номи ҷаҳондору аз фарри**
**шоҳ,**
**Чу огоҳӣ омад ба Эрон зи**
**шоҳ,**
**Аз он эзиди фарру он дастгоҳ.**

Афросиёб дар дижи Ганг ба Кайхусрав мегӯяд: Ман фарру дониши эзидӣ дорам ва ҳама чиз-ро медонам, монанди Сурӯш па-ре дорам ва метавонам дар мав-қеи хоб бипараму ба осмонҳо би-равам.

Кайхусрав мегӯяд: Афросиёб иддао мекунад пар дорад, вале ин дурӯғ аст. Чун Фаридун бо он ҳама азамату дониши эзидӣ натавонист бипарад:

**Фаридуни фаррух ситора**
**нагашт,**
**На аз хоки тира сараш**
**баргузашт...**

**Таҳияи Қодири ТУРАҲАСАН**
**ва Неквалӣ НУРЗОДА**

Ба сарнавишти шигифти касе меандешам,
Ки роҳ пушти сараш нест
Ва чораи дигараш нест,
Чуз ин ки дар шаби селоб
Бигзарад аз рӯд.

Амон зи васвасаи талхи лаҳзаи тасмим,
Ки мераҳӣ зи бало,
Ё ки мешавӣ нобуд...

Хурӯши шабзадаи селу рӯди ҳашмолуд
Ва ҳеҷ роҳи дигар нест, ҷуз гузор аз рӯд,
Чуз гузор аз рӯд...

Бихон мурғи ошиқ,
Пуроҳанг кун чанги рангинкамонро,
Ки дилтангам аз рӯҳ, то реги тӯфон,
К-аз ӯ сар назад озарахши умеде,
Ки рӯшан кунад роҳи саргаштагонро.
Ва ман дардпарварди ин интизорам...

Туй шеъри пуршӯрам,
Эй мурғи ошиқ,
Суруди дили пуршарорам,
Барафшон ба ҳар бому дар нағмаҳоро...

# *Ман озарахши шабонам...*

